**ХУЛОСАИ**

**Комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА - 014 дар назди Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

*12 декабри соли 2022* *ш. Душанбе*

Комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳайати: доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хайрзода Ш.Қ. -раиси комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарипов Б.М. - аъзои комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳикматов У.С. - аъзои комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Халифазода Саидаҳтам хулосаи зеринро қабул намуд:

## *I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ*

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Халифазода Саидаҳтам ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), мувофиқат мекунад.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Халифазода Саидахтам унвонҷӯи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Халифазода Саидаҳтам соли 1999 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисодчии байналмилалӣ хатм намудааст. Соли 2012 Академияи умумироссиягии давлатии андози Вазорати молияи Федератсияи Россияро бо ихтисоси андоз ва андозбандӣ хатм кардааст. Солҳои 1998-2002 нозири андоз, нозири калони андози шуъбаи санҷиши андозсупорандагони Нозироти андози ноҳияи Октябри ш. Душанбе; солҳои 2002-2006 муаллими кафедраи андоз ва андозбандии Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ; солҳои 2007-2008 мутахассиси пешбар-нозири калони андози шуъбаи аудити дохилии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; солҳои 2008-2019 дар вазифаҳои сардори раёсат, ёрдамчии Раиси Кумитаи андоз, сардори шуъбаи аудити нозироти андози андозсупорандагони калон, сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони калон, сардори раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст. Аз 20 декабри соли 2019 то ҳоло дар вазифаи сардори Сарраёсати назорати андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Халифазода Саидаҳтам аз соли 2017 дар кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҳамчун аспирант аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз оғоз карда, онро соли 2022 хатм кардааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Халифазода Саидаҳтам дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 29.12.2017, протоколи №155/и тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯй номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Шералиев Эмомали Нуралиевич мебошад.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) 4(хуб), протоколи №443-05 аз 21.11.2019, таърих ва фалсафаи илм 4(хуб), протоколи №291-05 аз 21.12.2020 ва имтиҳони номзадӣ (минимум) аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз бо баҳои 5 (аъло), протоколи №44 аз 14.05.2022 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супоридааст.

Диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам дар кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро гардидааст. Диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраҳои молия ва андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба таври ошкоро аз 19 июни соли 2022, суратмаҷлиси №11 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас азислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

### *II. Мутобиқати мавзӯъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ*

Диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ба ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

### *III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд*

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 9 кори илмӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, аз он 3 мақола дар алоҳидагӣ, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

***IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ***

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудааанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

***V. Комиссия пешниҳод менамояд:***

1. Диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқаррризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Улуғхоҷаева Хосият Рауфовна - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- Қурбонов Абдукарим Раҳимович - номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯихати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Хайрзода Ш.Қ.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Шарипов Б.М.

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Ҳикматов У.С.

Дурустии имзоҳои аъзоёни комиссияи экспертиро тасдиқ менамоям:
Сардори ШК ва корҳои
махсуси ДДМИТ, н.и.ҳ. Шарипов У.А.

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ